НАШРИ МАХСУС

Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

ХИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН * НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА *

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

12 феврали соли 2016, ҷумъа, №7 (1039)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# 22 МАЙ- РАЪЙПУРСИИ УМУМИХАЛҚӢ

**Вакилони палатаи поёнии Парлумони Тоҷикистон дар иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ санаи баргузории раъйпурсии умумихалқиро дар иртибот ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо пешниҳоди аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар сурат гирифтааст, муайян намуданд ва он 22 майи соли 2016 таъйин гардид.**
**Дар ин хусус вакилони Маҷлиси намояндагон 10 феврал дар иҷлосияи дуюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, даъвати панҷум қарори дахлдор қабул карданд.**




Лоиҳа

## ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аз ном ва матни Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаи "(Сарқонуни)" хориҷ карда шавад.

**ДАР МОДДАИ 1:**

-қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:
"Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад.";
-қисмҳои дуюм ва сеюм мувофиқан қисмҳои сеюм ва чорум ҳисобида шаванд.
Қисми якуми моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: "Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд".
Дар қисми чоруми моддаи 7 калимаҳои "марзиву маъмуриро" ба калимаҳои "маъмурию ҳудудиро" иваз карда шаванд.

**ДАР МОДДАИ 8:**

- дар қисми чорум калимаи "Ташкилотҳои" ба калимаи "Иттиҳодияҳои" иваз карда шавад;
-қисми шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:
"Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст.".

**ДАР МОДДАИ 14:**

-дар қисми дуюм калимаҳои "маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро" ба калимаҳои "мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро" иваз карда шаванд;
-дар қисми сеюм калимаҳои "ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд" ва "сохти конститутсионӣ" мувофиқан ба калимаҳои "ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд" ва "асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ" иваз карда шаванд.

**ДАР МОДДАИ 15:**

-қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад.";
-дар қисми дуюм пайвандаки "ва" ба пайвандаки "ё" иваз карда шавад;
-қисми сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"Тартиби соҳиб шудан ва қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.".
Дар қисми дуюми моддаи 16 калимаи "эълоншуда" ба калимаи "муқарраргардида" иваз карда шавад.
Дар қисми якуми моддаи 18 калимаҳои "ҳаққи зиндагӣ" ба калимаҳои "ҳуқуқ ба ҳаёт" иваз карда шаванд.
Дар қисми дуюми моддаи 20 калимаи "ҷиноӣ" ба калимаи "ҷиноятӣ" иваз карда шавад.
Дар қисми чоруми моддаи 27 калимаи "Шахсоне" ба калимаи "Шаҳрвандоне" иваз карда шавад.
Ҷумлаи дуюми қисми якуми моддаи 28 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: "Шаҳрванд ҳуқуқдорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.".
Ба қисми сеюми моддаи 32 баъд аз калимаҳои "ҳизбҳои сиёсӣ" аломати "," ва калимаҳои "дигар шахсони ҳуқуқӣ" илова карда шаванд.
Қисми дуюми моддаи 34 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд.".
Дар моддаи 37 калимаи "пулӣ" ба калимаи "пардохтшаванда" иваз карда шавад.
Дар қисми якуми моддаи 38 калимаи "туризм" ба калимаи "сайёҳӣ" иваз карда шавад.

**ДАР МОДДАИ 40:**

-дар қисми якум калимаи "ҷамъият" ба калимаи "ҷомеа" иваз карда шавад;
-дар қисми сеюм калимаи "дар" ба калимаи "таҳти" иваз карда шавад.
Дар қисми якуми моддаи 45 калимаҳои "Додани" ва "вазифаи ҳар кас мебошад" мувофиқан ба калимаҳои "Супоридани" ва "ҳатмист" иваз карда шаванд.

**ДАР МОДДАИ 49:**

-ҷумлаи сеюми қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад: "Вакили Маҷлиси намояндагон шахсе интихоб шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад ва синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад.";
-қисми панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"Узви Маҷлиси миллӣ шахсе интихоб ё таъин шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад ва синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад.";
-қисми ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шавад:
"Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон баъди интихоб ё таъин шудан дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба халқи Тоҷикистон савганд ёд мекунанд.";
-қисми ҳафтум қисми ҳаштум ҳисобида шуда, дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"Шумораи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тартиби интихоб ё таъин гардидани онҳоро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд.".
Дар қисми сеюми моддаи 51 калимаҳои "ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд, қатъи шаҳрвандӣ," ба калимаҳои "эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд, қатъи шаҳрвандӣ, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар," иваз карда шаванд.
Дар банди 1 қисми якуми моддаи 56 калимаҳои "марзиву маъмурӣ" ба калимаҳои "маъмурию ҳудудӣ" иваз карда шаванд.

**ДАР МОДДАИ 61:**

- дар қисми дуюм калимаҳои "аз се ду" ба калимаҳои "аз чор се" иваз карда шаванд;
- қисми сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Тафсири Конститутсияро тибқи тартиби мазкур Маҷлиси намояндагон дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул намуда, Маҷлиси миллӣ онро ҷонибдорӣ менамояд.".
Дар қисми дуюми моддаи 64 калимаи "қарордодҳои" ба калимаи "шартномаҳои" иваз карда шавад.

**ДАР МОДДАИ 65:**

- қисми дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"Шахсе ба номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад.";
- қисми панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:
"Маҳдудияти дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат татбиқ намегардад. Вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.".

**ДАР МОДДАИ 69:**

- дар банди 7 калимаҳои "ба тасдиқи" ба калимаҳои "барои тасдиқ ба "иваз карда шаванд;
- банди 12 хориҷ карда шавад;
- аз банди 13 калимаҳои "бо пешниҳоди Шӯрои адлия" хориҷ карда шаванд;
- дар банди 18 калимаи "қарордодҳои" ба калимаи "шартномаҳои" иваз карда шавад;
- бандҳои 13-30 мувофиқан бандҳои 12-29 ҳисобида шаванд.
Ба моддаи 71 қисми панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:
"Таъминоти иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муҳофизати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.".

**ДАР МОДДАИ 73:**

- қисми сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:
"Аъзои Ҳукумат баъди аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудан ва тасдиқ гардидани фармон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунанд.";
- қисми сеюм қисми чорум ҳисобида шуда, баъд аз калимаҳои "Аъзои Ҳукумат" калимаҳои "бояд танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд ва онҳо" илова карда шаванд.
Дар қисми якуми моддаи 74 калимаи "қаламрави" ба калимаи "ҳудуди" иваз карда шавад.
Номи боби шашум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ".
Дар моддаи 76 калимаҳои "Ҳокимияти маҳаллӣ" ба калимаҳои "Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" иваз карда шаванд.

**ДАР МОДДАИ 78:**

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия роҳбарӣ менамояд.";
- дар қисми дуюм калимаи "марзӣ" ба калимаи "ҳудудӣ" иваз карда шавад;
- дар қисми панҷум калимаҳои "мақомоти ҳокимияти маҳаллиро" ба калимаҳои "мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро" иваз карда шаванд;
- дар қисми шашум калимаи "ҷамоат" ба калимаи "Ҷамоат" иваз карда шавад.
Дар қисми якуми моддаи 79 калимаи "қаламрав" ба калимаи "ҳудуд" иваз карда шавад.

**ДАР МОДДАИ 84:**

- дар қисми сеюм калимаҳои "Тарзи ташкил" ба калимаҳои "Тартиби таъсис, ташкил" иваз карда шаванд;

- дар қисми панҷум калимаи "Ташкили" ба калимаи "Таъсиси" иваз карда шавад.

**Моддаи 85 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:**

"Моддаи 85. Ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.
Ба вазифаи судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбӣ, судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судя фаъолият намуданро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд.
Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судя таъин шудааст, дар вазъияти тантанавӣ савганд ёд мекунад.".
Дар моддаи 86 калимаҳои "бо пешниҳоди Шӯрои адлия" ба калимаҳои "бо тартиби муқарраркардаи қонуни конститутсионӣ" иваз карда шаванд.

**ДАР МОДДАИ 89:**

- қисми дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"Ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ шахсе интихоб мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 7 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судяи Суди конститутсионӣ фаъолият намуданро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд.";
- қисми сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:
"Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ интихоб шудааст, дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ савганд ёд мекунад.";
- қисми сеюм қисми чорум ҳисобида шуда, ба банди 1) баъд аз калимаи "санадҳои" калимаи "меъёрии" илова карда шуда, калимаи "қарордодҳои" ба калимаи "шартномаҳои" иваз карда шавад;
- қисми чорум қисми панҷум ҳисобида шавад.

**Дар моддаи 91** калимаи "ҷиноӣ" ба калимаи "ҷиноятӣ" иваз карда шавад.
**Дар моддаи 93** калимаи "қаламрави" ба калимаи "ҳудуди" иваз карда шавад.
Дар тамоми матни Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаи "ҳақ" ба калимаи "ҳуқуқ" иваз карда шавад.

**ДАР МУҚАРРАРОТИ ИНТИҚОЛӢ:**

- қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
"4. Аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Ҳукумат баъд аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани "Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ савганд ёд мекунанд.".

- Ҷараёну ҳаракатҳои радикалӣ аз ҷониби кадом кишварҳо ва созмонҳо дастгирӣ меёбанд?
- Пуштибони созмон ва ҷараёнҳои ифротӣ ва иртиҷоӣ киҳоянд?
- ДИИШ-ро киҳо таъсис доданд ва ҳадафи аслияшон чист?
- Кадом омилҳо бештар боиси исломҳаросӣ ва исломситезӣ мешаванд?
- Чӣ бояд кард, ки ҷавонон фирефтаи ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ нашаванд?
- Оё имрӯз ниҳодҳои масъул ва рӯҳониёни саршиноси мо қодиранд, ки алайҳи идеологияи гурӯҳҳои террористӣ мубориза баранд?

# А.Муҳаққиқ:

# ИФРОТГАРОЁНИ ДИНӢ ВА НАҲЗАТҲОИ АТЕИСТӢ ОМИЛИ НООРОМИИ ҶОМЕА

***Барои дарёфти посух ба ин ва чанд суоли дигар суҳбате доштем бо Абдуллоҳи Муҳаққиқ, коршиноси масоили динӣ, ки фишурдаи онро манзури хонандаи азиз мегардонем.***

**- Чанде қабл матлаби Шумо бо унвони "Моҳияти умраи Пешвои миллат ва бонуи аввал" дар сомонаи "Ховар" ба тасвиб расид, ки дар он назари хешро оид ба фазилати Ҳаҷҷи умраи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ва аҳли байти ӯ баён намудед. Мегуфтед, ки ҳадаф ва зарурати навиштани матлаби мазкур дар чӣ буд?**

- Зарурати навиштани ин мақола пеш аз ҳама ба хотири бедории миллӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллати тоҷик, шинохти шахсияти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва аҳли байти ӯ буд. Чаро, ки вақтҳои охир дар фазои иттилоотии байналмилалӣ ва дар шабакаҳои моҳворавии фаромиллӣ, сомонаҳои интернетӣ гурӯҳҳои иғвоангези сиёсӣ, намояндагони ҷараёнҳои такфирӣ-ифротӣ Раҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва аҳли байти ӯро ба таври ошкоро ба куфр ҳукм намуданд ҳарчанд, ки дасисаҳои онҳо асоси шаръӣ надоранд. Афроди иғвоангез далелҳои беасл ва зидди шаръиро ҷиҳати фитнаангезӣ дар фазои иттилоотӣ нашр менамоянд. Ҳадафи навиштани мақолаи мазкур ошкор намудани воқеият ва муаррифии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва аҳли байти ӯ аз нигоҳи шаръӣ буд. Пешвои бонувони тоҷик эълон намудани бонуи аввал назари банда буда, дастури супоришӣ нест. Шояд ин пешниҳоди маро напазиранд. Аммо таҷассум ва муаррифии чеҳраи модари тоҷик дар нақши бонуи аввал ҳеҷ бадӣ надорад.

Модари покдоман ва боиффати тоҷик натанҳо пешвои бонувони мусалмон шуда метавонад, балки хайри дунё ва охират аст. Мутмаинам, ки симо, шахсият, мақом, фазилат ва андешаву афкори ҳоҷии ҳарамайни шарифайн-бонуи аввал дар тарбияи ахлоқӣ ва покдомании бонувони имонӣ нақши муассир хоҳад гузошт.

**- Яъне, Ҳаҷи умрае, ки ахиран Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аҳли байти ӯ ва роҳбарони як қатор ниҳодҳои кишвар анҷом доданд, то андозае ба ҳар гуна сару садоҳое, ки дар фазои иттилоотии байналмилалӣ муғризона роҳандозӣ мешаванд, як посухи саҳеҳ ва қотеъ буд?**

- Бале, воқеан ҳам сару садоҳои зиёде, тибқи нақшаҳои тарҳрезишудаи иттиҳодияи муташаккили ҷинояткории экстремистӣ дар фазои фаромиллӣ ва фарокишварӣ тавассути шабакаҳои махсуси таблиғотии ҷараёнҳои ифротӣ ба мисли "Тавҳид", "Калима", "Висоли ҳақ" ва дигар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ паҳн мешуданд. Асҳоби такфир ва дигар бемурруватон иддао доранд, ки гӯё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти кишвар мубориза бар зидди дини мубини Ислом ва мусулмононро шеваи кории худ қарор додааст. Аз нуқтаи назари онон озодиҳои динӣ дар Тоҷикистон хеле маҳдуданд. Ба воситаи ҳамин далоили бесубути худ ҷавонони ноогоҳи Тоҷикистонро, ки ҳамагон мусалмон ҳастанд, барои ширкат намудан дар сафи размандагони экстремист ва ё созмонҳои террористии "Ан-нусра", "Ансоруллоҳ", "Салафия" ва "Давлати исломӣ" (ДИИШ) ба Сурия ва Ироқ даъват мекунанд. Аксарияти мубаллиғони ғояҳои такфирӣ ва афкори ҷангӣ хатмнамудаҳои мадориси динии кишварҳои арабӣ ва Покистон ҳастанд!

Мутаассифона, ин қабил ҷавононро бо роҳи фиреб ва шустушӯи мағзӣ бар зиддии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бар зидди сиёсати хирадмандонаи Эмомалӣ Раҳмон мешӯронанд. Ба ҳамин хотир ман дар ин мақола ишора намудам, ки адои Ҳаҷи умраи Пешвои миллат бо ҳамроҳии ҳамсар, духтарон ва теъдоде аз намояндагии Ҳукумати Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ангезаҳои иттилоотии ҷараёнҳои ифротӣ ва атеистӣ кори афроди муғриз ва созмонҳое мебошанд, ки оромиву суботи Тоҷикистонро аз байн бурдан мехоҳанд, асоси шаръӣ ва воқеӣ надоранд. Ҳадаф аз Ҳаҷ ба даст овардани ризоияти Парвардигор ва адо намудани фаризаи исломии ҳар фарди боимон аст, ки онҳо бо фазли Худои Меҳрубон анҷом доданд.

**- Агар саҳеҳтар назар афканем пӯшида нест, ки инҳо мехоҳанд дар маҳдудаи як мазҳаб ё як равия давлати худро бунёд кунанд. Мисли ин ки имрӯз давлатҳое ҳастанд, ки як мазҳаб ва ё равияи исломро идеологияи давлатии худ қарор додаанд. Яъне даъвои аслии инҳо ин аст, ки бояд дар Тоҷикистон низ ҳамин гуна як давлат бунёд карда шавад. Дар ин росто онҳо назару андешаҳои дигарро, ки дар ҷомеаи солим мавҷуд аст, эътироф намекунанд. Фаразан, чанде қабл мақолаи Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Фаттоҳзода Саидмурод Самад ба унвони "Мо зидди атеизми ҷанговар ва исломи радикалӣ ҳастем" дар ҳафтаномаи "Минбари халқ" ба нашр расид. Гурӯҳҳое ҳастанд, ки мегӯянд бояд давлат давлати дунявӣ бошад, яъне озодии дин ва эътиқод дар он таъмин бошад, аммо қувваҳое низ ҳастанд, ки мехоҳанд давлат сирф атеистӣ ва ё динӣ бошад. Имрӯз ҳамин се равия бархӯрд доранд, ки баръало эҳсос мешавад. Ба андешаи Шумо мо бояд ба кадом самт майл кунем?**

- Суоли бисёр бамаврид аст. Вақте вазъияти бархӯрди ақидаи аҳзоб ва ё созмонҳоро дар Тоҷикистон баррасӣ ва таҳқиқ мекунем, андешаҳои собиқ атеизми ҷанговар дар шакли "Наҳзатҳои атеистӣ" авҷ гирифтаанд. Дар муҳити сиёсиву фарҳангӣ ва фазои иттилоотии Тоҷикистон имрӯз дар баробари решадавонии афкору андешаи такфирии ҷараёнҳои ифротӣ наҳзатҳои атеистӣ аз нав ба иғвоангезӣ оғоз намудаанд. Онҳо бештар кӯшиш мекунанд, ки мафҳуми давлати демократӣ-дунявиро ҳамчун як мафҳуми зиддидинӣ муаррифӣ намоянд. Ба ибораи дигар, ифротгароёни атеистӣ ба мардуми Тоҷикистон ва созмонҳои байналхалқӣ фаҳмонданиянд, ки Тоҷикистон комилан як кишвари зиддидинӣ ва зиддиисломӣ аст. Албатта, андешаву афкори соҳибони наҳзатҳои атеистӣ билкул ғалат ва хилофи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар шарҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври равшан омадааст, ки низоми идории Тоҷикистон зидди ягон адён нест. Ба хотири ҳифзи амнияти давлатӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ягон мафкураи динӣ (исломӣ, масеҳият, буддоӣ, зардуштия) ба ҳайси мафкураи давлатӣ пазируфта намешавад! Истилоҳи "давлати демократӣ-дунявӣ" ҳаргиз маънии зидди дин буданро надорад. Сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Тоҷикистон ҳаргиз дар муқобили дин равона нашудааст. Афроде, ки амнияти давлатӣ ва оромии ҷомеаи моро намехоҳанд, истилоҳи "давлати демократӣ-дунявӣ"-ро низоми зидди исломӣ шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

Агар мо ба андешаи афроди атеистмаъоб амал намоем, дар ин ҳолат ҳамон сиёсатҳои ғалате, ки дар солҳои 20-30-юм буд, ки мусулмонҳоро қатли ом мекарданд ва масҷидҳову ибодатхонаҳоро тахриб менамуданд, аз сари нав падид меояд. Аммо ин як назари ботил аст, чунки мо аз суханрониҳои Пешвои миллат дарк мекунем, ки ӯ як шахсияти мусулмон аст ва дар ҳама ҳолат аз манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои исломӣ ҳимоят мекунад ва ошкоро мегӯяд, ки "мусалмонам". Албатта, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки арзишҳои милливу диниро дар муқобили ҳам бигузорад. Бояд ёдовар шуд, ки дар пушти наҳзатҳои атеистӣ гурӯҳ ва шабакаҳое пинҳон ҳастанд, ки пешрафти иқтисодиёт, фановарӣ, бедории миллӣ ва амнияту оромишро дар Тоҷикистон намехоҳанд. Ифротгароии атеистӣ як шохаи терроризми байналхалқӣ буда, мардуми бофарҳанг ва боимони Тоҷикистон ниёз ба идеологияи он надоранд.

**- Дар мавриди ҷараёну ҳаракатҳои радикалӣ чӣ назар доред? Пӯшида нест, ки онҳо низ аз ҷониби кишварҳо ва созмонҳо дастгирӣ меёбанд ва мехоҳанд, ки вазъ дар кишвари мо ноором бошад. Тавре Шумо дар мақолаатон зикр намудаед, ҳамаи офатҳое, ки ба сари мардуми тоҷик омад, аз сангарнишинии ин ду қувва, яъне қувваҳои атеистии ҷанговар ва неруҳои созмонҳои иртиҷоӣ буд.**

- Бисёр хуб зикр кардед, ки дини мубини Ислом бениёз аз ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва ифротӣ мебошад. Созмон ва ҷараёнҳои ифротӣ ва иртиҷоӣ дар асоси барномаҳои ташкилотҳои террористӣ таъсис ёфта, онҳо ячейка ва дастгоҳҳои идеологии ҷинояткорони байналмилалӣ мебошанд. Нерӯҳои иртиҷоӣ ва ифротӣ дар асоси сармоягузориҳои қудратҳои ҷаҳонӣ ҷавонони исломиро шустушӯи мағзӣ намуда, онҳоро аз доираи таълимоти дин хориҷ месозанд.

Имрӯз тақрибан 30-40 дарсади уламои ҳанафимазҳаб дар Тоҷикистон фаъол ҳастанд ва дигар тамоми риштаҳои таблиғоти динӣ дар дасти афроде ҳаст, ки дорои тафаккури ифротӣ ва бегонапарасти салафия мебошанд. Аммо онҳо худро дар зоҳир аз тарси мақомот ҳанафӣ муаррифӣ мекунанд. Моҷароҷӯёни такфирӣ вобаста ба вазъи сиёсӣ ва амниятии ҳар кишвар ва минтақа фаъолиятҳои худро роҳандозӣ менамоянд.

Инчунин атеистони ифротӣ то андозае фаъол шудаанд, ки дар конфронс ва ҳафтаномаҳо муқаддасоти динии мардуми тоҷикро маҳкум ва таҳқир намуда, онҳоро хурофот ва таассуб эълон намуданд!

Яке аз намояндаи онҳо дар ҳузури аҳли зиё дар ҳамоише ошкоро таъкид намуд, ки "Истифода бурдани номи Худо кори ҷоҳилон аст, Худо вуҷуд надорад. Худо маҳсули тафаккури ҷоҳилона аст. Набояд, ки шахси бо ақлу хирад номи Худоро истифода барад ва набояд шахси олим мусулмон бошад". То ин андоза бархурди андешаи атеистӣ барои мусулмонҳои кишвар як падидаи бисёр манфӣ ва хатарзо аст. Чунин бархурди тундгароёна бо мусалмонон ва муқаддасоти исломӣ омили ба терроризм рӯ овардани ҷавонони тоҷик мегардад. Гурӯҳҳои ифротӣ андешаҳои ҷоҳилонаи атеистҳоро барои худ далели шаръӣ қарор дода, дар Тоҷикистон машрӯъияти ҷангу ҷиҳодро фарз меҳисобанд. Шаклгирии ифротгароии динӣ ва идеологияи атеизми ҷанговар ба манфиати миллат ва оромии ҷомеа нест. Тақвиятёбии ифротгароии атеистӣ ва тундгарои созмонҳои такфирӣ барои иттиҳодияҳои террористӣ монанди "ДИИШ" ва "Хуросон" заминаи сиёсии динӣ ва иделогӣ омода месозанд.

Дар кишвар ниҳодҳои динӣ аз қабили Шӯрои уламо ва Маркази исломӣ, Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи исломӣ, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ва зиёда аз 4000 ҳазор масҷид фаъолият мекунанд, масъулини ин ниҳодҳо вазифадоранд, ки пеш аз дигарон дар ҷомеа симои аслии башараи лидери ҳаракатҳои ифротӣ ва хатари созмонҳои иртиҷоиро ба таври равшан фош ва нахӣ намоянд. Мардум аслан ба суханҳои инҳо бояд эътимод дошта бошанд. Дин ахлоқ аст. Дин ибодат аст. Дин сулҳу оромиш аст. Дин таҳдид ва қатлу куштор нест. Дин тахриб ва тундгароӣ нест. Дин эҳтиром ба пирон ва хурдсолон аст. Ислом дини шамшер ва хунрезӣ нест. Ислом интиҳор, инфиҷор, забҳи инсон ва худкафонӣ нест!

Дар самти хунсо ва маҳв намудани хатари ҷараёнҳои ифротӣ ва такфирӣ саҳми ниҳодҳои амният ва интизомии кишвар бисёр арзишманд аст. Аммо масъулини Шӯрои уламо ва дигар ниҳодҳои динӣ сари вақт натавонистанд шаклгирии иттиҳодияи экстремистии салафияро аз нигоҳи динӣ бигиранд. Ҳатто як мақола, як асар оид ба ошкор сохтани хатари сарчашмаҳои таҳрикдиҳандаи ҷараёнҳои такфирӣ ва пешвоёни иғвоангези онҳо нанавиштанд. Боре ҳам аз хатари идеология ва даъватҳои таблиғотии лидерҳои салафия чун Муҳаррамов Муҳаммадӣ, Муътадии Мадхалӣ (лидери ҷадиди салафия), Абӯ Марям-Назратуллои Аштӣ, Муҳаммадазизи Раҷабӣ, Муҳаммадҷони Абдуҷалил ва дигар аъзои ҷоҳил ва тундхӯи "Иттиҳодияи экстремистии Салафия" мардумро огоҳ насохтанд.

Худ қазоват намоед як салафӣ, ки тариқи воизони хоин, "мавлавиҳо"-и такфирӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ мағзшӯӣ мешавад, ӯ ба хотири ҳифзи андешаҳои террористӣ мазҳаби ҳанафиро тарк менамояд ва унсурҳои миллиро куфр эълон намуда, бо террористон мепайвандад. Бо зану фарзанд ва ҷону моли худ ба Ироқу Сурия ва Афғонистон барои ширкат намудан дар ҷанг меравад. Дар ин ҷода ҷони ширин ва зану фарзанди худро аз даст медиҳад. Ҳамсар ва духтарони худро ба террористон ҳадя мекунад. Мекушад то кушта шавад. Оташ мезанад, то оташ зада шавад!

Мутаассифона, масъулини Маркази исломӣ, Шӯрои уламо ва кормандони масчидҳо пеши ин фоҷеаи миллаткуш, яъне шомилшавии ҷавононро ба иттиҳодияи террористӣ аз нигоҳи динӣ гирифта натавонистанд! Салафия дар канори онҳо даву тоз намуда, тартиботи намозхониро вайрон менамуд, гуё онҳо чизеро намедиданд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар зери коса нимкосаҳои дигар пинҳон аст!

То вақте ки Президенти кишвар оид ба ҳамин масъала бевосита дахолат накард, масъулини ниҳодҳои динӣ ба ҳайси бетараф ва тамошогар худро нишон дода, гӯё афзоиши шумораи салафия ва пайвастани онҳо ба сафи ДИИШ ва Алқоида ҳеҷ хатаре барои ҷомеа ва амнияти давлатӣ таҳдид намекунад.

Дар ҳоле ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2004 ин ҷониб ошкоро алайҳи гуруҳҳои бадхоҳу ҳаракатҳои иртиҷоӣ мубориза мебарад. Натанҳо дар қаламрави Тоҷикистон, балки дар қаламрави Осиёи Марказӣ ва дар миёни дигар давлатҳо якумин шуда, аз дини Ислом пуштибонӣ намуда, борҳо таъкид карда, ки ислом дини террористӣ ва ҳаракати террористӣ нест, Исломро ба терроризм омезиш додан иштибоҳ аст.

**- Мутаассифона, имрӯз яке аз таҳдидҳои хело хатарноке, ки ба афкори ҷомеаи мо таъсири манфӣ мерасонад, идеологияи ба ном "Давлати исломӣ" (ДИИШ) мебошад. Тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ таъкид намуданд, имрӯзҳо беш аз 1000 нафар ҳамватанони гумроҳшудаи мо дар сафи ин гурӯҳ қарор доранд. Ба андешаи Шумо мо чи гуна алайҳи ин идеологияи ифротӣ мубориза барем, ки то андозае тавонад шиддати гароиши ҷавононро ба он коҳиш диҳад?**

- Пеш аз ҳама бояд як нуктаро таъкид кунам, ки дар истифодаи ибораву вожаҳои қуръонӣ бояд ҳар як инсони соҳибхирад аҳамият бидиҳад, ки онҳоро кӣ ва кадом гурӯҳҳо бо кадом ҳадаф истифода мебаранд. Шахсони ҷинояткор ва ташкилотҳои террористӣ тавассути мавлавӣ, мулло, воиз ва гумоштаҳои худ Қуръон ва меъёрҳои шаръиро бардурӯғ шарҳу тавзеҳ дода, онҳоро барои таъмини бехатарии худ сипари амниятӣ месозанд. Набояд дин дар дасти ҷинояткорон қарор бигирад! ДИИШ "Давлати исломӣ" нест, балки он Иттиҳодияи муташаккили ҷинояткории гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ мебошад. Ҷинояткорони байналмилалӣ "ДИИШ"-ро барои фиреби назари мусулмонҳо таъсис додаанд. ДИИШ ташкилот ва дастгоҳи иблисӣ аст, на исломӣ! ДИИШ ва "халифа"-и исроилӣ- Абӯбакри Бағдодӣ симои воқеии салафия ва ҳаммаслакони тахрибкор ва ҷинояткори онҳо мебошад. Ҳиллари Клинтон, яке аз роҳбарони сиёсии кишвари Амрико ба таври расмӣ эълон намуда буд, ки "мо ба хотири сохтани ДИИШ дар беш аз 100 кишвари дунё гаштугузор кардем. Мо ДИИШ-ро сохтем то кишварҳои Осиёро аз ҳам ҷудо кунем ва манофеи иқтисодиву молии онро дар натиҷаи ҳамин тафриқаандозӣ роҳандозӣ намоем".

**-Дар ин замина мо бояд кадом корҳоро анҷом диҳем?**

*-Бозшиносии симои иблисии ДИИШ ва башараи хатарноки ҷараёнҳои такфирӣ, аз ҷумла салафия яке аз беҳтарин роҳҳои пешгирии шомилшавии ҷавонони мутаддайин ба сафи террористон мебошад;*
*-Уламои исломӣ бояд фаъол бошанд, нагузоранд, ки "мавлавӣ"-чаҳои такфирӣ ва ифротии салафия дар муҳити динии Тоҷикистон мавқеъ ва ҷойгоҳ пайдо намоянд;*
*- Волидайн бояд нисбат ба тақдири фарзандони худ беларво набошанд, онҳоро аз хатари салафия огоҳ намоянд;*
*- Уламои суннатии бумӣ, ки дониши хуби исломӣ доранд, барои ҳамкорӣ бо мақомотҳои дахлдор даъват карда шаванд;*
*- Воридот ва истифодаи адабиёт ва барномаҳои ҷараёнҳои такфирӣ ва ифротӣ қатъиян манъ карда шавад;*
*- Рӯйхати пешвоён, муфтӣ, мавлавӣ ва лидерҳои онҳо ошкор ва наҳӣ карда шавад;*
*- Тамоми қишрҳои ҷомеа дар мубориза бар зидди ифротгароии ҷараёнҳои такфирӣ ва ифротӣ ҷалб карда шаванд ва онҳо масъулияти шаҳрвандии худро иҷро намоянд;*
*- Шабакаи муқовиматкунандаи доимии телевизионӣ барои фош ва маҳкум намудани дигар расонаҳои моҳворавӣ роҳандозӣ карда шавад;*
*- Рӯйхати адабиёт ва муаллифону пешвоёни ҷараёни салафия ошкор ва фош карда шавад….*

Дар акси ҳол ҷавонони бехабар аз таълимоти мазҳаби ҳанафӣ ба доми фиреби созмонҳои экстремистӣ меафтанд ва аз он ҳам роҳи гурез надоранд. Онҳо дар Афғонистон, Сурияву Ироқ мусулмонҳоро сар мебуранд, занону кӯдаконро зинда ба зинда оташ мезананд, асиронро гӯшу бинӣ мебуранд, биноҳои маъмуриро вайрону валангор карда, осори таърихиро ба коми оташ мекашанд. Тамоми рафтору кирдори аъзои ДИИШ хилофи таълимоти дини мубини Ислом, Қуръони азимушшаън ва хилофи таълимоти Паёмбари Ислом ҳазрати Муҳаммад (с) аст.

Ба ҳамин хотир, пеш аз ҳама таълимоти мазҳаби ҳанафӣ бояд дар муҳити динии Тоҷикистон садрнишин бошад. Чунки мубориза бо гурӯҳи террористии ДИИШ бо аслиҳа роҳи ҳалли худро ёфта наметавонад. Пеш аз ҳама бояд муборизаи идеологии давлат аз ҳисоби худшиносиву худогоҳии миллӣ ва аз нигоҳи ватандӯстии ҷавонон қавӣ гардонида шавад. Ҷавонони диндор бояд мазҳаби худро шиносанд. Огоҳ бошанд ва донанд, ки Абӯбакри Бағдодӣ ва дигар пайравони ӯ ҳеҷ иртиботе ба дини мубини Ислом надоранд.



Минбари халқ
12 феврали соли 2016,
№7 (1039)

Яке аз роҳҳои дигар ин аст, ки бояд уламои диниву мазҳабӣ ва донишмандони мо ҳамчун як мусулмон ва ҳамчун як фарди ватандӯст бе ягон супориши зиёдатӣ бар муқобили ангезаҳои гурӯҳҳои террористӣ муборизаи беамон баранд. Ва аз лиҳози ақидаи динӣ рафтору кирдор ва амалҳои террористии афродеро, ки аъзои ДИИШ ҳастанд, ошкор намоянд.

Ҳар як ҷавоне, ки худро мусулмон мешуморад, тибқи фармудаҳои мазҳаби Абӯҳанифа (р) бояд дорои ақидаи солим бошад. Чунки дар мазҳаби ҳанафӣ кофир эълон намудани як нафари дигар ба хотири ақида ҷоиз нест. Мазҳаби Абӯҳанифа манбаи таҳаммулпазирӣ ва муътадилӣ аст. Худованд фармудааст: "Ло икроҳу фид-дини" яъне, "дар дин иҷборият нест". Тибқи принсипи ҳамин ояти Қуръон шахси мусалмон ҳақ надорад, ки афроди масеҳӣ, будоӣ ва аҳли заммаро таҳқир, таҳдид ва ё ба қатл расонад. Аммо салафия дар Тоҷикистон солҳои зиёд аст, ки ба таври махфӣ идеологияи террористӣ ва ҷангиро дар шакли "ақида" таблиғ мекунанд.

Ҷавон ва ноболиғе, ки олудаи ақидаву тафаккур ва ҷаҳонбинии салафия мешавад, вазифадор аст, ки дар муқобили давлатҳои сохтораш дунявӣ ва мусалмонон ҷиҳод кунад, рӯҳониёни маъруф, роҳбарият ва ташкилотҳои давлатиро ҳадафи муборизаи хуношоми худ қарор диҳад.

Мутаассифона, рӯҳониёни муътабари мо ҳамин нуқтаи калидиро то вақте ки Президенти кишвар укдаи онро боз накард, нодида гирифтанд ва дарк накарданд, ки асҳоби ифротӣ ақидаи иртиҷоиро таблиғ мекунанд ва он ба амнияти давлату дин хатар дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки аввалин қатлу кушторҳои оммавӣ дар кишварҳои Сурия ва Ироқ аз ҷониби салафиҳо зери шиорҳои "Аллоҳу акбар" ба анҷом расонида шуд. Ва имрӯз намояндаҳои ҷараёну созмонҳои такфирӣ бо роҳбарии мавлавиҳову муфтиҳои "сохташуда"-и худ кӯшиш доранд, ки ҷанги мазҳабиро дар Тоҷикистон роҳандозӣ намоянд. Пеш аз ҳама онҳо ният доранд, ки мардуми бародару ҳамзабон ва ҳамдини мо-бадахшониҳоро, ки пайрави мазҳаби исмоилиянд, бо мардуми дигар минтақаҳои Тоҷикистон, ки суннимазҳабанд, ҷанг андозанд. Дар тӯли таърих ҳатто дар давраи атеизми ҷанговар ҳам миёни пайравони аҳли суннат ва шиаи бадахшӣ ягон муноқишаву ихтилофи мазҳабӣ набуд ва имрӯз ҳам ихтилофу низоъ вуҷуд надорад, балки мо ҳамаи мо мардуми як миллат ҳастем ва дар як муҳити дӯстиву хешутаборӣ зиндагӣ мекунем ва фарҳанги ягона, расму оинҳои муштарак дорем.

Дар масҷидҳои мо қариб 4-5 шахси мусалмон ба ҳайси коргар фаъолият мекунанд. Агар теъдоди инҳоро ҳисоб кунем 12-13 ҳазор нафар ҳастанд, ки бевосита дар соҳаи дин кору фаъолият мекунад. Имрӯз вақти он расидааст, ки ҳамин нерӯи бузург бояд бедор бошад, аз дин ва мазҳаб пуштибонӣ карда тавонанд. Агар инҳо аз дин, осори исломӣ, сиёсати имрӯзаи Тоҷикистон дифоъ накунанд, дар назди Худо ва дар назди Паёмбари Худо гунаҳгор мешаванд. Чунки мо огоҳ ҳастем дар кишварҳои исломӣ то кадом андоза бетартибиҳо ва хунрезиҳо рӯи кор аст. Душманони башарият марказҳои тамаддуни исломиро бо дасти фарзандони худи мусалмонҳо харобу вайрон намуданд.

Аз ин лиҳоз бояд сатҳи маънавӣ ва диншиносии сархатибони масҷидҳои ҷомеъ ва панҷвақта бояд боланд бардошта шавад ва афроде, ки дорои тафаккури такфирӣ ва тафаккури ифротӣ ҳастанд, ба таври ошкорову расмӣ аз минбарҳои исломӣ ва ниҳодҳои динӣ барканор карда шаванд.

Мутаассифона, баъзе адабиёти динӣ, ки имрӯз чоп мешаванд, дорои ақидаи золлаи салафианд, аммо ба унвони "ҳанафӣ" нашр шудаанд. Вақте хонанда ин китобҳоро мехонад, дигар на ба ҳарфи падару модар ва на ба сухани ҷомеа аҳамият медиҳад. Чунки пешвоён ва муздурони созмонҳои ифротӣ дар ин китобҳо ғараз ва тавтиъаҳои ифротии худро аз номи Худо ва Паёмбар бардурӯғ асоснок намудаанд.

**- Бале, масъалаи мазкурро воқеъан хеле хуб ва ба таври возеҳ шарҳ додед. Таълимоти ин "ҷадидисломиҳо", ки бо андешаҳои салафиву ваҳҳобӣ ва мисли ин мағзашон заҳролуд шудааст, аз фармудаҳои дини мубини Ислом комилан тафовут дорад.**
**Ривояте ҳокист, ки баъд аз реҳлати ҳазрати Муҳаммад аслиҳаи эшон ҳамчун амонат дар дасти як яҳудие қарор доштааст. Яъне ин нишонаи он аст, ки Паёмбари Ислом бо пайравони дигар дин низ муносибату муоширати хуб ва доду гирифт доштанд. Вале, мутаассифона, имрӯз ҳамин таҳаммулпазирӣ дар ҷомеаи муосири исломӣ аз байн рафтааст ва ин тамоюл гоҳо дар байни баъзе гурӯҳҳои мутаассиб дар ҷомеаи мо низ ба назар мерасад. Кор то ба ҷое расидааст, ки баъзеҳо гумон мекунанд, номҳои миллие, ки онҳо доранд, номҳои ғайриисломӣ буда, ин нишони "куфру ширк" аст. Инҳо ҳатто фарқ намекунанд, ки номҳои Муҳаммад, Умар ё Абӯбакру Абӯсӯфён ва мисли ин қабл аз Ислом ҳам буданд ва ба он ҳеҷ иртибот надоранд. Аксгирӣ ва расмкаширо инкор намуда, ба тӯю маъракаҳо намераванд ва шунидани садои мусиқиро гуноҳи кабир меҳисобанд. Бигӯед, ки ҳамин назару андешаҳо то кадом андоза аз Ислом обишхур доранд?**

- Китоби муқаддаси Қуръон ва Паёмбари гиромӣ ҳазрати Муҳаммад омили муттаҳидкунандаи қавму миллатҳои гуногун буданд. Ислом мактаби муттаҳидкунанда, омили дӯстии қавму фирқа ва миллатҳои гуногун мебошад. Паёмбар Билоли Ҳабашӣ ва Салмони Форсиро бародари худ хонд. Салмони Форсӣ яке аз беҳтарин мушовирони Муҳаммад буд. Ӯ дар ҷанги "Ҳандақ" тарзи хандақ канданро ба асҳоби Паёмбар омӯхт ва аз ҷону номуси онҳо дифоъ намуд. Паёмбари муаззам дасти мубораки худро дар китфи Салмони Форсӣ гузошта, гуфт: "Салмони Форсӣ узви хонадони ман аст". Дар ҳадиси дигар ҳазрати Муҳаммад мефармояд: "Гар илм гиёҳе шавад ва дар Сурайё бирӯяд, онро фарзандони Форс мегиранд". Эҳтиром ва назари неки Муҳаммад нисбат ба мусалмонҳои ғайриараб хеле арзишманд ва беназир аст.

Мутаассифона, имрӯз ҳамон идеологияи язидӣ-панарабгароӣ дар шакли нав ва бисёр пурқувват бо дастгирии қудратҳои ҷаҳонӣ дар хориҷи кишвар шакл гирифта, вориди кишварҳои Осиё гардидаанд. Хатари он ба адабиёт, фарҳанг, мазҳаб ва амнияти давлатии Тоҷикистон таҳдид мекунад.

Дар сурати "Тавба" Худои таборак ва таъоло ошкоро мегӯяд, ки "Ҳар гоҳе, ки мушрикҳо ба шумо паноҳ ҷустанд, шумо, эй мусулмонҳо ба онҳо паноҳандагӣ бидиҳед ва онҳоро ба ҷойи амн бурда расонед".

Бузургтарин гуноҳ ширк аст. Шахси мушрик ба ягонагии Худо бовар надорад, дупараст ва сепараст мебошад. Худованд ба Паёмбар ва ба мусулмонҳо амр мекунад, ки "ҳар гоҳе мушрикҳо ба шумо паноҳ ҷустанд, ба онҳо паноҳандагӣ бидиҳед".

Ҳамин нуқтаи меҳварии Қуръон аз назари тамоми мусулмонҳо дур монда, дар муқобили он қатлу куштор, исломҳаросиву исломситезӣ авҷ гирифтааст. Мутаассифона, ҳамаи он иғвоангезиҳое, ки аз номи дини мубини Ислом роҳандозӣ мегарданд, ҳеҷ иртиботе ба дини Ислом надоранд. Мо бояд хуб огоҳ бошем, ки иғвоангезиҳо аз ҷониби ҷараёнҳои такфирӣ ва ҳаракатҳои ифротӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар масъалаи иваз кардани ном пеш аз ҳама бояд ҳаминро ёдовар шуд, ки бадбахтии баъзе ҷавонон дар он аст, ки номҳои худро Абуумар, Абуҳусайн ва Абӯбакр мегузоранд, инҳо ягон муҳаббати самимии диниву эътиқодӣ ба ҳазрати Умар ё ба ҳазрати Абубакри Сиддиқ надоранд. Балки инҳо авбошҳои ифротие ҳастанд, ки барои бадном кардани дини Ислом ва саҳобагони Паёмбар ба худ чунин номҳоро мегузоранд ва аз онҳо истифода мекунанд.

Тавре шумо пештар дар мавриди расму оинҳои миллӣ ишора кардед, пеш аз ҳама мехоҳам як ривояти саҳеҳи исломиро аз ҳаёти Паёмбар ёдовар шавам. Паёмбари гиромӣ Муҳаммад бо ҳамроҳии асҳоб ба Мадина мераванд. Мардуми Мадина дар маросими шодию сурур машғули сурудхонӣ буданд. Ногаҳон мебинанд, ки Паёмбар ва асҳоб назди онҳо мерасад. Чун Паёмбари Худоро диданд, сурудхониро қатъ карда, таҳти навои доира салавот гуфтанд. Паёмбари Худо онҳоро боз медорад ва мегӯяд, "бо ҳамон равише, ки сурудхонӣ мекардед ва бо ҳамон шеваи мардумӣ ба расму оини худ мутобиқ идома диҳед". Дар ин ҳол мардуми маҳал ба сари Паёмбар ҳар гуна шириниҳо пошиданд, ки дар оини эшон нишони эътиқод ва эҳтиром буд. Паёмбар ва саҳобагон ба онҳо мухолифат накарданд, балки онҳоро таҳсин гуфта, аз шириниҳои пошидаи онҳо гирифта, нӯши ҷон намуданд..

Расму оинҳои мардуми тоҷик, ӯзбек, қирғиз ва қазоқ, ки дорои хусусияти миллӣ ҳастанд, ба ҳамин хотир ҷараёнҳои такфирӣ онҳоро бидъату ширку куфр мегӯянд. Либоси миллӣ ва забони тоҷикиро низ ҳукм ба куфр менамоянд. Ягон навъи санъатро қабул надоранд, расмкаш ва расмгирро ба қатл мерасонанд.

**- Пӯшида нест, ки Президенти кишвар, Пешвои муаззами миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози фаъолияти худ, барои бознашри осори таърихӣ, аз ҷумла, "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров, "Таърихи табарӣ", осори Шайхурраис Сино ва чандин китобҳои дигари арзишманд замина гузоштанд. Инчунин "Тоҷикон дар оинаи таърих", ки яке аз китобҳои бунёдӣ барои шинохти миллати мо маҳсуб мешавад, ба қалами эшон тааллуқ дорад. Гузашта аз ин, барои тарҷума ва паҳн кардани китоби "Қуръони карим" бо забони тоҷикӣ низ кӯшишҳои зиёд анҷом доданд. Сабаб дар чӣ аст, ки муддаиёни ифротӣ пайваста бар зидди эҳё ва ҳифзи мероси таърихӣ кӯшиш менамоянд?**

-Паёмбари Худо мегӯяд: "Талабул ъилми фаризатун ъало кулли муслимин ва муслиматун". Яъне талаб кардани илм ба мардон ва занони мусулмон фарз аст. Агар мо аз ҳамин равзана назар афканем, дармеёбем, ки талаб кардани илм ба ҳар фарди мусулмон фарз аст, аммо аксарияти мусалмонҳо фарз буданӣ илмомӯзиро ба эътибор намегиранд. Илм намеомӯзанд. Дастури Паёмбари муаззамро фаромӯш кардаанд. Аз ҳамин лиҳоз, иллати қафомондагӣ ва камбизоатии аксарияти мусалмонҳо надоштани илмӣ кофӣ аст. Президенти мамлакат дар баробари худшиносии миллӣ дар асоси табъу нашри адабиёти динӣ, ки онҳо аз ҷумлаи мероси таърихӣ мебошанд, пайваста мардуми кишвар, бахусус ҷавононро ба илмомӯзӣ даъват мекунад. Аммо гурӯҳҳои фитнакор ва ғаммоз мехоҳанд мардуми тоҷик бесавод ва дар доираи як муҳити ҷоҳилият қарор дошта бошанд! Тоҷикон даргири ихтилофу низоъҳои дохилӣ ва дастнигари хориҷиён шаванд.

Ба ҳамин хотир, душманони миллати тоҷик табъу нашри мероси таърихӣ ва ба хусус тарҷумаи "Қуръон"-ро нолозим медонанд ва бар хилофи гуфтаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои муғризонаи худро баён мекунанд. Осори ирфониро маҳкум менамоянд. Инсон, ки ҷоҳил шуд, гузаштаи худро надонист, ҳамеша душман ӯро истифода мебарад. Инсон, ки мутаассиб гашт, ҳамеша барои манофеи душманони миллат хизмат мекунад. Ҷоҳил ва мутаассиб силоҳи душман ва ғуломи Шайтон ҳастанд. Мунофиқ мавқеи сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ надорад!

Аз китобҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои муътамад бармеояд, ки афроде ба миллат хиёнат карданд, ки онҳо дорои тафаккури солими миллӣ ва дорои андешаи қавии динӣ набуданд. Миллат ва дин барои онҳо арзиш надошта! Ҷавононе, ки имрӯз ба Сурияву Ироқ рафта, худро метарконанд ва даҳҳо нафари бегуноҳро қурбон мекунанд, натанҳо ҷоҳиланд, балки хидматгузори душманони Ислом ҳастанд. Муздури сервисҳои хориҷӣ, хоин ва гумоштаи ташкилотҳои террористӣ мебошанд. Мусулмон ҳеҷ гоҳ ба куштани дигарон талош намекунад, худро наметарконад, худкушӣ намекунад! Худкушӣ ва дигаронро қатл намудан ҳаром аст. Аҳли хушунат ва ҷоҳилони такфирӣ натанҳо худро мекушанд, балки омили исломҳаросӣ ва исломситезӣ хастанд.

Қуръон ва суннат зидди принсипи "мекушам, то кушта шавам" аст. Барои салафия принсипи "Куштан ва кушта шудан" шараф ва дин маҳсуб меёбад! Принсипи террористии "мекушем, то кушта шавем"-ро пешвоён ва аъзои такфирии Иттиҳодияи экстремистии Салафия дар дохил ва хориҷ рангу бори динӣ медиҳанд.

Афроде вориди иттиҳодия ва ташкилотҳои такфирӣ ва ифротӣ мешаванд, ки оддитарин маълумот нисбат ба мероси таърихӣ ва сарчашмаҳои суннатӣ надоранд. Ғофил аз роҳу равиши таълимоти дини мубини исломанд. Паёмбар ва мактаби инсонгароии исломро намешиносанд. Адабиёти ирфонӣ ва суфияро, ки онҳо намунаи олии мероси таърихии уммати исломӣ ҳастанд, хурофот, бидъат, ширк ва куфр меҳисобанд.

Мутаассифона, имрӯз чунин принсипҳои иғвоангез дар миёни баъзе гурӯҳҳои атеистии ифротӣ дида мешавад. Шинохти шахсият ва муддаъиёни ирфонситез бисёр зарур аст. Ин тоифа дар зери ниқоби "андешаи миллӣ" бар зидди мероси таърихӣ, андешаи солими миллӣ, сиёсати хирадмандонаи Пешвои Миллат ва бар зидди оромию амнияти давлатӣ машғули иғвоангезӣ ва дасисакорӣ ҳастанд. Пешвоёни суфияро "бачабоз" ва "зинокор" эълон намуданд. Бо равишҳои мухталиф дар шикастан ва маҳвсозии мероси таърихӣ ва ирфонӣ камар бастаанд! Боварии комил дорем, ки ин тоифаи меросситези ифротӣ дар ин самт низ ба мақсадҳои нопок ва миллаткуши худ намерасанд!

**- Дар ҳаҷи умрае, ки Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли оилаашон ва бархе аз намояндагони дигари ҳукумати кишвар анҷом доданд, Роҳбари давлат дар ҳаққи мардуми шарифи тоҷик ва барои оромиву суботи Тоҷикистони азиз дуо карданд ва дар баробари эшон мо низ дуо кардем, то Ватани мо, ки дар гузаштаи на чандон дур ба майдони ҷангу даргириҳо табдил ёфта буд, орому осуда бошад ва мардуми он зиндагии амн дошта бошанд. Шумо дар бораи моҳияти арзиши ҳаҷи умраи Роҳбари давлат суҳбат кардед, ба андешаи Шумо фазилати ҳаҷи умраи бонуи аввали кишвар дар кадом поя қарор дорад?**



- Ман дар мақолае, ки дар АМИТ "Ховар" чоп гардида буд, сари ин масъала ишорае карда будам, вале чанд нуқтаи калидии ин масъаларо матраҳ накарда будам, чунки дар маҳдудаи як мақола мо наметавонем ҳамаи андешаҳоро баён созем. Албатта, ба сафари ҳаҷи умра рафтани бонуи аввали кишвар ва фарзандони ӯ бисёр як воқеаи таърихӣ ва сарнавиштсоз ва омили муттаҳидкунандаи занони исломӣ ва бонувони мусалмони Тоҷикистон аст. Ва ин барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ як паёмади нек буда метавонад. Албатта, Пешвои миллат метавонист, ки танҳо ва бидуни ҳамсару фарзандонаш ин сафари худро анҷом бидиҳад. Агар мо аз нуқтаи ахлоқи сиёсӣ ва меъёрҳои динӣ баҳогузорӣ кунем, бонуи аввал рамзи иффату назофати зани тоҷик аст ва то имрӯз ин хислати наҷиби модари тоҷикро дар худ ҳифз ва таҷассум намудааст. Бонуи аввал ба хотири адои қарзи имонӣ, дифоъ аз шарафу номуси модарон ва бонуҳои исломии тоҷик аз шарри иттилооти фитнаангез ва ба хотири ҳимояи сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дасисаҳои душманони дохилию хориҷӣ бо шавҳару фарзандони худ сафари ҳаҷ рафт. Ҳамаи рукнҳои фарзӣ, суннатӣ ва воҷиботи Ҳаҷи умраро ҳамчун як зани мусулмони точик ба ҷо овард. Ин рафтору кирдори ҳамсар ва духтарони Роҳбари давлат намунаи покдомániву иффати тамоми бонувони тоҷик буда метавонад.

Дуюм нуқтаи калидӣ ин аст, ки бонуи аввал нахустин занест, ки ба сифати ҳамсари Роҳбари давлат дар таърихи Тоҷикистон дар ҳарами Каъба намоз гузошт ва дар ҳақи хонадони худ ва дар ҳақи ҳар як фарзанди хонадони миллати тоҷик дуои хайр намуд. Ба сафари Ҳаҷи умра рафтани бонуи аввал барои занону бонувони тоҷик як инқилоби маънавӣ буд. Онҳо ба занону модарони тоҷик паём ва мужда доданд, ки "мо ҳам зан ва духтари тоҷик ҳастем, ки урфу одатҳои миллии хешро гум накардаем. Мусалмон ва дар доираи андешаҳои миллию мазҳабии худ собитқадам ва устуворем".

**- Баъд аз чопи ин мақолаи Шумо, ки пештар дар мавриди он ҳарф задем, бархурдҳои зиддунақзе ба вуҷуд омад. Чун Шумо бонуи аввали кишварро Пешвои занони мусулмони Тоҷикистон муаррифӣ кардед, баъзеҳо Шуморо ба чоплусиву тамаъҷӯӣ муттаҳам карданд. Ҳамин назару андешаҳоро чӣ гуна қабул кардед?**

- Хуб огоҳам, ки баъд аз нашри мақолаи мазкур дастандаркорони баъзе ҳафтаномаҳои ватанӣ, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои байналмилалӣ, гурӯҳҳои ғаразнок, аз ҷумла ба ном "Гурӯҳи 24", "Анҷумани қувваҳои созанда" ва баъзе сиёсатмадороне, ки дар кишвари Русия ва дигар кишварҳои Аврупо мустақар ҳастанд, аз ғараз маро ба чоплусиву тамаллуққорӣ муттаҳам кардаанд. Ба иддаои онҳо гӯиё, ки банда ба хотири мансаб ва ё барои ба даст овардани маблағи ҳангуфт хушомадгӯӣ карда бошам. Гӯё чоплусӣ ва тамаллуқ дар Тоҷикистон як амали маъмулӣ гаштааст. Интиқоди онҳо муғризона буда, аз воқеият дур аст. Назари онҳо моҳияти илмӣ ва характери динӣ надорад. Ҳадафи онҳо ангехтани хусумат ва кинаву адовати миллӣ ва динӣ мебошад! Интиқод набояд хушунатангез ва ғаразнок бошад.

Ба таври фаврӣ дар шабакаи иҷтимоии интернет "назарсанҷӣ"-и ғаразнокро зимни ҳамин масъала анҷом дода, беинсофона аз номи мардуми тоҷик маро чоплус ва хушомадгӯи хонадони Пешвои миллат ва Ҳукумати Тоҷикистон эълон намудаанд. Албатта, ин гуна назарсанҷиҳо ҳамон идомаи дасисаҳои гурӯҳҳои 24-25 мебошад.

Аз назари ман Пешвои миллат ва бонуи аввал ниёз ба тамаллуқ чоплусӣ ва хушомадгӯӣ надоранд. Мақом ва мавқеи эшон болотар аз чоплусӣ ва тамаллуқ аст. Онҳо маҳбубият, эҳтиром, иззат ва мавқеи хешро бо меҳнати худ дар ҷомеа пайдо намудаанд. Инъикоси воқеияти таърихӣ вазифаи ҳар фарди мусулмон аст, ки онро танҳо оғоз намудам. Ба қавли Хоҷа Ҳофиз:

*Дар биёбон гар ба шавқи*
*Каъба хоҳӣ зад қадам,*
*Сарзанишҳо гар кунад хори*
*мугелон ғам махӯр!*

Дар ин маврид Паёмбари Худо мегӯяд: "Қулил ҳаққа ва инкона муран"-яъне сухани ҳақро бигӯед, агарчанде талх бошад. Нафратэҷодкунӣ нисбат ба хонадони Пешвои миллат амали шаръӣ нест, балки ин як барномаи тарҳрезишуда дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад. Доираҳои муайяни тангназар ва душахсиятҳо дар дохил бо либоси "дӯсту хайрхоҳ" ва дар хориҷ ба сифати "ғамхори ватану миллат" ба душманэҷодкунӣ ва фитна ангехтан нисбат ба Президент ва аҳли байти ӯ машғуланд.

Банда ба навиштани як мақола ба ин масъала нуқта намегузорам, балки барои таҷассуми чеҳра ва симои модари тоҷик китоби таҳқиқотие хоҳам навишт. Бонуи аввали кишварро ба ҳайси Пешвои занони мусулмони Тоҷикистон муаррифӣ кардани ман танҳо ба ҳамин маъно аст, ки ӯ сазовори ин мақом аст ва намунаи ибрат буда метавонад. Ин идеяи хаёлӣ ва сухани хушку холӣ нест, балки воқеияти шаръӣ, илмӣ ва падидаи фарҳангӣ мебошад.

**-Барои суҳбати пурмуҳтаво ташаккур арз мекунем ва ҷиҳати анҷом додани иқдомҳои наҷибе, ки дар нақша доред, барор мехоҳем.**

Бахтиёр ҲАМДАМОВ
Ибодуллоҳи ТОҲИР

Хабарҳо аз Хатлон

# АКСИЯИ ҲИЗБӢ

***"Шоҳнома"-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ва китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих"-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро мехонем!***

Бо чунин сатрҳои ҳидоятомез ахиран қарори Раёсати Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба тасвиб расид. Аксияи эълоншуда то рӯзи таҷлил аз 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон идома хоҳад ёфт.

Гуфта шуд, ки мақсад аз ин иқдом бештару беҳтар шиносоӣ пайдо карданӣ шаҳрвандон бо ин асарҳои тарбиявӣ ва дар ин баробар баланд бардоштани ҳисси ватанпарастиву худшиносӣ ва омодасозии онҳо барои ҳифзи пояҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз мебошад.

Дар раванди баргузории аксия маҳфилҳои қироати ифоданоки пораҳо аз "Шоҳнома", қироати шарқии "Шоҳнома" ба таври фардию гурӯҳӣ дар назар дошта шуда, китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих" бошад, қисм ба қисм пурра омӯхта мешавад.

Намояндагони коллективҳои меҳнатӣ, коллеҷҳо, донишкадаю донишгоҳҳо ва мактабҳои миёна метавонанд дар ҳамдастӣ бо сарварони ташкилотҳои ҳизбӣ, устодону омӯзгорон ва ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон - "Созандагони Ватан" дар ин маъракаи муҳим иштирок намоянд.

# ҲУЛБУК СОҲИБИ ШОҲҶОИЗА ШУД

Ҳулбук бузургтарин ва ягона осорхона дар кишвар маҳсуб меёбад, ки дар баробари толорҳои намоишӣ, дар даҳҳо гектар замин зери осмони кушод ҷой гирифтааст, ки дар таркиби худ коху кушк, фаввораву мадраса, деҳоту гӯристонҳоро шурӯъ аз асри биринҷу даврони Кушониёну шоҳони хатлонӣ, то асри муосир ғунҷонидааст. Бо зикри ин нукта Шералӣ Хоҷаев, сардори шуъбаи меъроси таърихию фарҳангии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилоъ дод, ки бори нахуст мамнуъгоҳи Ҳулбуки ноҳияи Восеъ аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ҷоизаи "Global rating nomination"-и Идораи омӯзишию фарҳангии ЮНЕСКО-ро дарёфт кардааст. Манбаи мо афзуд, ин ҷоизаи ЮНЕСКО, ки дар самти ёдгориҳои моддии ҷаҳонӣ ихтисос дода шудааст, дар миқёси ҷаҳон аз эътирофи олӣ бархурдор аст.



# МО БА ҶАВОНОНИ МАМЛАКАТ ТАКЯ МЕКУНЕМ

**Бо ибтикори Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон бо ҷавонон мулоқотҳои судманд доир гардиданд.**

Барои дар сатҳи баланд доир намудани мулоқотҳо гурӯҳи корӣ аз ҳисоби Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ таъсис дода шудааст.

5-уми феврали соли ҷорӣ дар ноҳияи Шаҳритуз нахустин мулоқот бо иштироки васеи аҳолӣ ва ҷавонон баргузор гардид. Дар ин мулоқот 250 нафар иштирок ва суханронӣ намуданд. Чунин воҳӯрӣ дар ноҳияи Бохтар ва шаҳри Қӯрғонтеппа низ гузаронида шуд.

- Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ таъкид намуд, ки "Ояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад". Бояд падару модарон, масъулони таълиму тарбия, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ барои аз мактаб дур намондани фарзандон саъю талош намоянд. Ҳамагон бояд ҳамкориро бо мактаб тақвият бахшем ва барои таълими фарзандонамон тамоми шароити заруриро муҳайё намоем, - гуфт Қиёмуддин Миралиён, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ.

Нотиқон ҳамзамон дар атрофи вазъи сиёсии дигар давлатҳо ва таъсири бевоситаи он ба тафаккури ҷомеаи мо ва омилҳои пешгирии онҳо, оид ба татбиқи истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ изҳори ақида карда, дар ин зимн саҳми ҷавононро баланд арзёбӣ намуданд. Ба андешаи эшон, баҳри расидан ба ин ҳадафҳои бузург тамоми аҳли ҷомеа дар иттифоқ бо ҷавонон, ки нуфусашон нисбат ба дигар мардум бештар аст, ҳама нерӯи зеҳниву ҷисмонии хешро бояд равона созанд. Дар поёни мулоқотҳо ҷавонон ваъда доданд, ки бо истифода аз имкониятҳои васеи таҳсил бо баҳои хубу аъло хонда, мутахассиси хуб мешаванд ва ҳатман нақши худро дар ободии ватани ягона - Тоҷикистони азиз мегузоранд.

Умед МИРЗОЕВ, *"МХ"*

Нишасти матбуотӣ

# СУҒУРТАИ МОШИН ЗИЁД НАШУДААСТ

Мақомоти КВД "Тоҷиксуғурта" гуфтанд, ки маблағи суғуртаи ҳеҷ як навъи воситаҳои нақлиёт афзоиш наёфтааст.



**АЛОВИДДИН Сатторӣ,** раиси корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта" рӯзи 9 феврал дар посух ба саволи хабарнигори ҳафтаномаи "МХ" тавзеҳ дод, ки бо вуҷуди тағйиру таҳаввул дар дигар намудҳои пардохтҳои иҷтимоӣ ва андоз арзиши суғурта барои воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурӣ дар соли равон ба ҳамон андозае боқӣ монда, ки дар гузашта буд.

Вай афзуд: - Соҳибони воситаҳои нақлиётӣ, аз ҷумла мошинҳои сабукрав барои як сол бо пардохти 102 сомонӣ варақаи суғуртаро дарёфт мекунанд.

Ба гуфтаи ӯ, ин намуди суғурта ҳатмӣ буда, дар баробари он намудҳои дигари суғуртаи ихтиёрии воситаҳои нақлиёт ва ронандагону мусофирон ҳам вуҷуд дорад.

Вай инчунин гуфт: - Дар тӯли сол 648 ҳазор сомонӣ ба осебдидагони ҳодисаҳои ҳаракат дар роҳҳои ҷумҳурӣ пардохт шуд, аз ҷумла ба ворисони 65 нафар афроди фавтида дар садамаҳо ба ҳар кадом 4 ҳазор сомонӣ ёрии пулӣ расониданд.

Бино ба гузориши ин ниҳод, дар соли гузашта аз ҳамаи намудҳои суғурта 62 миллиону 117 ҳазор сомонӣ маблағ ҷамъоварӣ гардида ва ҳиссаи онҳо дар бозори амалиётҳои суғуртавии кишвар 53 фоизро ташкил медиҳад. Раиси ин корхона гуфт: - Ин маблағ 117 дарсади нақшаи пешбинишударо ташкил дода, аз ҷумла аз ҳисоби суғуртаи ҳатмӣ 38 миллиону 377 ҳазор сомонӣ ва суғуртаи ихтиёрӣ 23 миллиону 740 ҳазор сомонӣ будааст.

Зимни шарҳи ин мавзӯъ маълум гардид, ки аз ҷамъи маблағҳои воридшуда 34 миллиону 780 ҳазор сомонӣ марбут ба суғуртаи воситаҳои нақлиёт рабт гирифта, ки аз ин маблағ дар маҷмӯъ ба шакли ҳақгузорӣ 5 миллиону 771 ҳазор сомонӣ ба зарардидагони ҳодисаҳои нохуш пардохт гардидааст.

КВД "Тоҷиксуғурта" яке аз ду ширкати давлатии суғуртавӣ дар кишвар буда, ҳамзамон 16 ширкати хусусӣ ҳам дар ин замина амал мекунанд.

Тибқи гузориши ин ниҳод, 53 дарсади воридоти маблағ аз ширкатҳои суғурткунанда дар Тоҷикистон ба КВД "Тоҷиксуғурта" рабт мегирад ва бақияи 47 дарсад аз сӯи ҳамаи дигар ширкатҳо ҷамъоварӣ шудааст.

Аммо тавре маълум шуд, дар мавриди ҳақгузорӣ ё додани пул ба осебдидагон фаъолияти асосиро "Тоҷиксуғурта" анҷом дода, 96 фоизи маблағҳои ба муштариён пардохтшударо маҳз ин корхона ба иҷро расондааст. Бино ба гуфтаи масъулон, ин корхона аз рӯи 28 намуди суғурта ба аҳолӣ хидмат мерасонад, ки аз ин миқдор 15 намуд суғуртаи ихтиёрӣ мебошад.

Мақомоти корхона, дар нишасти хабарии солона ёдовар шуданд, аз ҷумла суғуртаи мактаббачаҳо аз намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ буда, ҳеҷ нафаре ҳақ надорад ба намояндагӣ аз ин ниҳод хонандагони муассисоти таҳсилоти миёнаи умумиро маҷбурӣ суғурта кунад.

**С.ЮСУФОВ**

Бадахшон

## "ТОЛИБИЛМОН" БА ВАТАН БАРГАРДОНДА ШУДАНД

Бо гуфтаи мутахассиси шуъба оид ба корҳои дин танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ Шодихон Ҷумахонов аз 107 нафар ҷавонони Бадахшон, ки дар кишварҳои бурунмарзӣ таҳсил мекарданд, 83 нафар ба зодгоҳашон баргардонида шуданд.

## ЧАРО НОБОЛИҒОН БА ХУДКУШӢ ДАСТ МЕЗАНАНД?

Соли 2014-ум аз ҷониби ноболиғон 20 ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ содир гардид. Имсол бошад ин ба 28 ҳолат расид.

Соли 2015 9 нафар наврас тариқи худкушӣ бо ҳаёт падруд гуфтанд. Омили асосии худкуширро мудири бахши ҳуқуқи кӯдакони вилоят Хусравбек Рақамов дар риоя накардани Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" мебинад.

## ГРАНТИ ПРЕЗИДЕНТӢ БА ЗАНОНИ ҲУНАРМАНД

Ҳукумати ҷумҳурӣ, ба вижа Пешвои миллат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба хотири ташкили корхонаҳои хурди саноатӣ пайваста ғамхорӣ менамояд. Маҳз бо ибтикори Ҷаноби Олӣ ба хотири бунёди сехҳои қаннодию коркарди мева, коркарди пашм дар шаҳри Хоруғ, ноҳияи Мурғоб ва соҳибкорони ҷамоатҳои деҳоти Поршневу Сохчарви ноҳияи Шуғнон 120 ҳазор сомонӣ чун грант тақдим намуд.

## КОҲИШИ ҚАРЗҲИ БОНКӢ

Бо иттилои Бегим Одинабекова, мудири шуъбаи Бонки миллии Тоҷикистон дар Бадахшон соли 2015 дар вилоят 196 филиали бонкҳо, марказҳои хизматрасонӣ, бунгоҳҳои интиқоли маблағ, ташкилоту бунёди қарзии хурд фаъолият намуданд, ки ба мизоҷон ба миқдори 101 млн. 402 ҳазор сомонӣ қарз доданд, ки нисбат ба соли 2014 50 дарсад камтар аст. Аз хориҷи кишвар 31 млн. 313 ҳазор доллари амрикоӣ ворид гардид. Нисбат ба соли 2014 ба миқдори 18,3 млн. доллар камтар мебошад. Тавре Зайнаб Мамадназарзода, иҷрокунандаи вазифаи сардори филиали БДА "Амонтабонк"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят иттилоъ дод, соли 2015 пардохти нафақа дар системаи бонкӣ беҳбудӣ ёфта, мизоҷони филиали бонки давлатии "Амонатбонк" дар ноҳияҳои Рӯшон ва Шуғнон пурра бо кортҳо таъмин карда шуданд. Соли ҷорӣ бошад, навоҳии Дарвоз, Ишкошим ва Роштқалъа бо кортҳои пластикӣ таъмин карда мешаванд.

## 4 МИЛЛИОН СОМОНӢ ЗАРАР ОШКОР ГАРДИД

Сардори Раёсати назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи вилоят Наврӯззода Азамат Имомқул арз дошт, ки дар давоми сол аз ҷониби кормандони раёсат фаъолияти молиявию хоҷагидории 184 корхонаву ташкилотҳои шакли хоҷагидориашон гуногун мавриди санҷиш қарор гирифт. Дар ҷараёни санҷишу тафтишот зиёда аз 3 миллиону 847 ҳазор сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шуд, ки дар муқоиса бо соли 2014 як миллиону 38 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар ҷараёни санҷишу тафтишот 80 ҷинояти хусусияти коррупсионӣ дошта ошкор карда шуданд. 73 нафар ба содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ даст дошта, 58 нафарашон мансабдори идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошанд.

## 13 ҶИНОЯТИ НОБОЛИҒОН

Сардори ситоди Раёсати Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ дар вилоят Усмон Пайшаев хабарнигоронро бо вазъи ҷиноӣ дар қаламрави вилоят шинос карда, изҳор намуд, ки соли гузашта беш аз 390 ҷиноят аз ҷониби кормандони раёсат ва сохторҳои он ба қайд гирифта шуданд. Беш аз 86 фоизи ин ҷиноятҳо ошкор гардиданд. Кушоиши ҷиноятҳои вазнин, ки теъдодашон 23- то мебошад ба 75 фоиз баробар аст. Аз 81 нафар ҷиноятқороне, ки дар кофтуков қарор доранд, 21 нафарашон дастгир карда шудаанд. Ноболиғон дар давоми сол 13 маротиба ба ҷиноят даст заданд. Кормандони раёсат ва сохторҳои он муборизаро алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи нашъадорро яке аз самтҳои асосии фаъолияташон медонанд. Соли гузашта аз муомилоти ғайриқонунӣ зиёда аз 184 килограмм маводи нашъадор боздошт гардид.

## ВОРИДОТИ МОЛ АЗ ЧИН КОҲИШ ЁФТ

Соли 2015 аз тариқи дидбонгоҳи гумрукии "Кулма" ба қаламрави вилоят 193877 тонна бор ба маблағи 283 миллион доллари ИМА ворид гардид, ки нисбат ба соли 2014 43 дарсад камтар аст. Мутасаддиёни соҳа омили коҳишро дар буҳроне, ки оламро фаро гирифтааст, инчунин дар тӯли як моҳ баста шудани роҳи Кулма - Хоруғ мебинанд.

**Лутфишоҳи ДОДО**

Нигоҳ аз ошёнаи нуҳум

# ФЕЪЛИ НЕКУ БАД

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

**ОЁ АХЛОҚИ НЕКӮРО БА ДАСТ ОВАРДАН МУМКИН АСТ?!**

Қисмати аъзами муҳаққиқони илми ахлоқ бар ин ақидаанд, ки ахлоқи бадро нек кардан ғайриимкон мебошад, зеро ҳар махлуқеро чи тавре, ки офаридаанд дар ҳамон шакл боқӣ хоҳад монд. Барои мисол дарозро кутоҳ ва кутоҳро дароз карда намешавад. Аз нигоҳи илми ахлоқ ақидаи мазкур нодуруст мебошад, чунки агар дар асл чунин мебуд адаб додану тарбия кардани инсон дар овони кӯдакӣ ҳама ботил мебуданд. Болотар аз ин ҳеҷ вақт муаллимони башарият ба мардумон таълим намедоданд, ки феъли худро некӯ доранд ва ба пок сохтани нафси худ машғул шаванд.

Агар воқеан ин андеша дуруст мебуд дар он сурат ҳеҷ як инсоне наметавонист ҳайвонҳо ва паррандаҳои ваҳширо ба худ ром кунад ва онҳоро аз саркашӣ нигоҳ дорад. Масъалаи мазкурро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд бо масъалаи хилқат қиёс кард, зеро ин кӯшишҳо ботил хоҳанд баромад. Аслан падидаҳое, ки дар бахши хилқат ва офариниш зуҳур мекунанд, ба ду қисм ҷудо мешаванд:



Баъзе зуҳуроте ҳастанд, ки ихтиёри одам ба онҳо роҳ надорад, чунон ки аз донаи хурмо дарахти себ руёнда нахоҳад шуд, лекин аз он дона метавон бо роҳи тарбият ва нигоҳдошт дарахти хуби хурмо рӯёнид. Асли хашму шаҳватро низ ба мисли ин донаи хурмо наметавон бо ихтиёри инсон аз вуҷуду ботини вай берун кашид. Аммо онҳоро метавон тавассути тарбия ва парҳезу назорат то ба ҳадди эътидол овард. Ин дар тули таърихи башарият ва зиндагии рӯзмараи мардум таҷруба шудааст ва мумкин аст. Лекин барои баъзе одамон ин мушкилиҳои зиёдро ба бор меорад. Душвориҳои мазкур ба ду сабаб сар мезананд: Якум он ки агар хашму шаҳват дар асли фитрати инсон қавӣ ҷой гирифта бошанд: Дуввум он, ки инсон ва ақли вай муддати дароз таҳти тоати ин ду қувва қарор дошта бошад ва онҳо хусусияти шикорчиро ба худ касб карда бошанд.

**ИНСОНҲО ДАР ИН САМТ БА ЧАҲОР ГУРӮҲ ҶУДО МЕШАВАНД:**

è **ГУРӮҲИ АВВАЛ.** Инсонҳое, ки содадил буда, ҳанӯз некро аз бад нашинохтаанд. Феъли онҳо то ҳол ҳеҷ кори некӯ бад накарда, дар доираи фитрати аввал қарор дорад. Ин гуна инсонҳо нақшпазир буда, зуд ислоҳ мешаванд. Онҳо бояд ҳамаҷониба тавассути муаллимони некусиришт таълим дода шаванд, то фарқияти байни офатҳои ахлоқи бад ва некро дарк намоянд. Кӯдакон дар ибтидои зиндагии хеш дар чунин ҳолат қарор доранд ва ба онҳо падару модар дар кадом шакле, ки одобу муоширот ва тарбияро омӯхта бошанд, дар ҳамон шакл зиндагӣ хоҳанд кард. Тарбияи ояндаи онҳо ва касби ахлоқи нек ва ё бад вобаста ба волидайнашон мебошад.

è **ГУРӮҲИ ДУВУМ.** Инсонҳое, ки ҳанӯз ба хислати бад одат накардаанд, лекин феъли онҳо муддате рӯй ба шаҳвату ғазаб овардааст. Тарбияи чунин одамон мушкилтар буда, онҳо ба ду чиз ҳоҷат доранд: Якум, берун овардани феъли бад аз вуҷуди фитрати онҳо: Дуввум, тухми ислоҳ дар табиати онҳо коштан.

è **ГУРӮҲИ САВВУМ.** Инсонҳое, ки дар натиҷаи таъсири ғазабу шаҳват хулқу атворашон бад шуда, лекин худи онҳо дар ин бора чизе намедонанд. Лекин амалҳои анҷомдодаи онҳо дар назарашон хуб ҷилвагар мешаванд. Ахлоқи чунин одамон ислоҳшаванда набуда аз ҷумлаи ин гурӯҳ одамон кам метавонанд рафторҳои худро пок созанд.

è **ГУРӮҲИ ЧАҲОРУМ.** Инсонҳое, ки бо ахлоқи бад ва корҳои бади анҷомдодаи худ ифтихор мекунанд ва ҳамеша лоф мезананд, ки ин қадар шароб нушида, чандин касро куштаанд, ин қадар хонаро ғорат карданд ва ғайра. Ин гурӯҳи одамон ва маризии ботинии онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ илоҷпазир нестанд.

**ПАЙДО КАРДАНИ РОҲҲОИ МУОЛИҶА АЗ АХЛОҚИ БАД**

Агар инсон хоҳад, ки аз ахлоқу феъли бади худ даст кашад ва разилатҳои онҳоро аз ботини хеш берун созад, барои вай ба ҷуз аз як роҳ дигар роҳе вуҷуд надорад. Он роҳ ин аст, ки ҳар чизе ки хулқ вайро дастур медиҳад ва ба роҳи бад ҳидоят мекунад, бояд бар хилофи он рафтор кунад, зеро шаҳвату ғазабро ба ҷуз мухолифат дигар ҳеҷ чиз шикаста наметавонад. Ҳар чизе, ки аз онҳо пурқувваттар бошанд онҳо метавонанд ин ду қувваро шикананд. Чунон, ки илоҷи ҳар сабабе, ки аз гармӣ хезад, сардӣ хӯрдан аст ҳар сабабе, ки аз хашм сар занад, илоҷи вай вазнинӣ, сангинӣ, бовиқорӣ ва ботамкинӣ будан мебошад. Ҳар чизе аз ғуруp, таккаббуру худписандӣ сар занад, илоҷи вай хоксорӣ, фурутанӣ ва шикасти нафс, яъне тавозӯъ мебошад:

*Саг паи луқма чу дум ҷунбонад,*
*Оқил онро на тавозӯъ хонад.*

Дар сурате, ки феъли бад аз бахилӣ сар занад, илоҷи вай ба мардум садақа кардан ва молу чиз додан аст. Ҳар инсоне, ки ба кӯмаки иродаи хеш ба корҳои некӯ одат кунад, дар табиати вай ба тадриҷ ахлоқи писандида падид меояд. Агар инсон феъли худро ба маҷбур кардан одат кунонад, ин ҷузъи табиати вай хоҳад шуд. Барои мисол кӯдак сараввал аз мактаб гурезон аст ва чун ӯро падару модар ва муаллимон ба фаро гирифтани таълим маҷбур созанд вай оҳиста-оҳиста хусусияти табиати кӯдак хоҳад шуд. Ҳангоме ки ин кӯдак ба балоғат расид вай аз омӯзиши илму дониш ҳамеша лаззат мебарад. Лекин кӯдаке, ки бо кабутарбозӣ, қиморбозӣ ва ғайра машғул шуд, инҳо дар маҷмӯъ ҷузъи табиати вай мешаванд ва ҳамчун одат дар вуҷуди ӯ боқӣ мемонанд. Ин қабил кӯдакон тамоми роҳатҳои дунё ва ҳар чизе, ки дорад сарфи ин бозиҳо мекунанд.

Одамоне ҳастанд, ки бар хилофи табиаташон баъзе рафтору муносибатҳои нолозим ҷузъи табиаташон мешаванд. Масалан баъзе одамони фиребгару дуруғгӯй бо ин рафторҳои худ фахр мекунанд. Ҳато агар барои ин корашон ба маҳбас ҳам афтанд, лекин дар маҳбас сабрро пеша мекунанд, вале аз кори худ даст намекашанд. Агар барои таҷруба ҳар бадкор (ҳатто сабукпойҳо) мекунанд мавриди назорат қарор дода шавад, ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо байни якдигар аз корҳои худ ифтихор мекунанд. Ин ҳама самараи одат аст, ки он ба ҷузъи табиати инсон табдил ёфтааст. Барои мисол одамоне, ҳастанд, ки ба кулух хурдан одат мекунанд ва ҳолатҳое мешавад, ки сабр карда наметавонанд, лекин бар беморӣ ва хатари ҳалок шудан сабру тоқати беандоза зиёд доранд.

Он чизе, ки зидди табиат аст барои инсон мушкилиҳо меоварад, вале он чизе, ки мувофиқи табиати вай аст барои вуҷуди ӯ ҳамчун обу ҳаво зарур мебошад. Аз ин рӯ, зери тоату фармон қарор додани ғазабу шаҳват талаботи табиати инсон аст, зеро инсон аз гавҳаре офарида шудааст, ки ба чунин амал зарурат дорад. Ҳар инсонро, ки майлаш бар хилофи ин бошад оқибати зиндагияш бад хоҳад буд. Ин ба мисли беморе аст, ки умеди саломатӣ ба ҷуз аз хурдани доруи талх надорад. Вай ин доруро бар хилофи нафс ва бо фармони табиб хурда, аз беморӣ шифо меёбад.

Аз ин рӯ, ҳам тибби тан ва ҳам тибби дилу рӯҳ ҳар кадом як роҳ доранд, онҳо бояд гармиро сардӣ созад ва сардиро гармӣ. Агар кас гирифтори маризии худписандӣ шавад саъй ва кӯшишу заҳмат ӯро шифо мебахшад. Агар хоксорӣ, фурутанӣ ва шикастанафсӣ ба ҳадди ифрот расида бошад, инсон бояд кибру ғурур кунад, то шифо ёбад.

Пас ҳар инсон бояд донад, ки ахлоқи некӯ дорои се сабаб аст: **ЯКУМ,** он ахлоқе, ки аз асли фитрати инсон бармехезад . Масалан саховатманди аслӣ будан ба ҳар кас муяссар намешавад, зеро саховатмандӣ дар фитрати чунин инсонҳо офарида шудааст. **ДУВВУМ** он ахлоқе, ки бо саъю кӯшиш ва заҳмати инсон феъли некӯро касб менамояд.

**САВВУМ:** Инсон бояд дар зиндагии рӯзмара бо одамоне ҳамнишинӣ кунад, ки онҳо боадаб бошанд, зеро суҳбату ҳамнишинӣ бо чунин одамон ба вай таъсирбахш мебошад. Ин шакли бархурд ба тадриҷ ҷузъи табиати вай мешавад. Хулоса ҳамин, ки ҳар инсоне, ки ба ин се саодат дастёб шавад, вай дар асли фитрати худ некӯахлоқ ва боодоб хоҳад шуд ва ҳар касе, ки аз онҳо дур бошад феъли вай то рӯзи маргаш бад боқӣ хоҳад монд.

**А. АРДАШЕР**

# "МЕССИ"-и АФҒОН БА ИСПАНИЯ МЕРАВАД

*Хабари дилбастагии Муртазои 5-сола ба футбол ва мухлиси сахти Леонел Месси, футболбози аргентинӣ ва ситораи маъруфи "Барселона" будани ӯ тайи ин ҳафта дар радаи хабарҳои хондании матбуот ва шабакаҳои телевизионии ҷаҳон буд.*

**МУРТАЗО** Аҳмадӣ, ки дар як деҳаи дурдасти вилояти Ғазнии Афғонистон маскун аст, пас аз он машҳур шуд, ки бародаронаш шавқ ва ишқи беандозааш ба футбол ва ҳаводориаш ба ин футболбози машҳурро дида, барояш аз селлофане ҳамранги либоси варзишии Месси "футболка" сохтанд ва ба пеши бараш шумораи "10"-ро сабт карданд.

Ин рӯйдод ва соатҳо бо ин "футболка" аз паси тӯб давидани Муртазо акнун ӯро аз олами орзуҳои ширини бачагӣ берун бурда ва машҳури ҷаҳон намудааст.

Дар пайи пахшу нашри хабарҳо дар бораи ин афғонбачаи бо либоси футболбози испанӣ худи Месси ба ӯ таваҷҷуҳ карда, ҳаводори панҷсолаи афғонистониашро ба варзишгоҳи "Ню-Камп"-и Испания даъват кард.

Муртазо бо ин амали кӯдакона, ки бо орзуҳои бачагиаш ҳамранг аст, Афғонистонро ба ранг ва тобиши дигар ба ҷаҳониён маълум кард.

Мақомоти Федератсияи футболи Афғонистон ҳам, ки то ба ҳол фаъолияташ пушти сиёҳиҳои ҷанг ва бесуботиҳо хира ба назар мерасид, пас аз бозтоби зиндагии Муртазо ва хонаводааш дар шабакаҳои хабарӣ ва телевизионҳои ҷаҳон гуфтаанд: - "Месси бо онҳо дар тамос шуда ва барои мусоидат кардани заминаҳои дидори худ бо Муртазо Аҳмадӣ, ҳаводори панҷсолаи афғониаш талош мекунад. Дар ҳамин ҳол, масъули дафтари робитаҳои байналмилалии Леонел Месси ахиран эълон кард, ки "Ситораи футбол" тайёр аст барои сафари Муртазо Аҳмадӣ ба Испания иқдом кунад".

Сафорати Испания дар Кобул ҳам гуфтааст, талош хоҳад кард то заминаи мулоқоти Муртазо ва Мессиро дар як кишвари аврупоӣ фароҳам созад. Муртазо баъди он машҳур гашт, ки як акси ӯ бо пероҳане аз халтаи селлофанӣ дар шабакаи интернет нашр гардид.

Акси Муртазо бо ин "либос"-и худсохти варзишӣ, ки аз ҳаводорони Месси, ситораи футболи ҷаҳон дониста мешавад дар тамоми сайтҳои муътабари ҷаҳонӣ ҳам ба нашр расидааст.

Федератсияи футболи Афғонистон бо ин ситораи футболи ҷаҳон иртибот барқарор намуда дар талоши он аст, ки дар ояндаи наздик заминаи дидори Муртазоро бо Месси фароҳам намояд.

Киромиддин Карим, раиси ФФА ба хабаргузориҳо гуфтааст, ки "Муртазо Аҳмадӣ -, "Месси"-и афғон ва аҳли оилаашро ба ФФА даъват карда, дар мавриди сафари эҳтимолиаш ба Испания суҳбат намудааст.

Муртазо Аҳмадӣ аз рустои Қамбари вулусволии Ҷоғурии вилояти Ғазнӣ таваҷҷуҳи Мессиро бо он ҷалб намуда, ки аз як халтаи селлофанӣ ё пластикӣ барои худ либоси тими Аргентинаро сохта, дар он номи "Месси" ва шумораи "10" - и ӯро бо қалами ранга ва бо ҳарфҳои англисӣ навиштааст.

Ҳамлагари машҳури дастаи футболи "Барселона", ки соли гузашта бори панҷум "Тӯби тиллоӣ" баландтарин ҷоиза футболи ҷаҳониро дарёфт кард, аз зиндагии пур аз орзуи Муртазо тавассути шабакаҳои хабарӣ иттилоъ ёфта, дар Твиттери худ паём дод, ки мехоҳад ин кӯдакро пайдо карда, ба ӯ "футболка"-либоси ҳақиқии худро диҳад ва ҳам аз наздик меҳрубониаш кунад.

Хабаргузориҳои Афғонистон навиштанд, ки акси "Месси"-и селлофанпӯш" -ро бародари бузургаш Ҳумоюн бо телефони дастӣ гирифта, амакаш Азим Аҳмадӣ онро дар шабакаи интернет гузоштааст. Кӯдаки 5-сола халтаи селлофании сафед бо рахҳои кабудро, ки 10 пули афғонӣ (тақрибан 10 - 20 дирами тоҷикӣ), арзиш дорад, аз куҷое пайдо ва бо ёрии бародараш либос сохта ба бар кардааст.

Ҳамин як кӯшиш барои амалӣ намудани орзуи худ ҳоло Муртазоро машҳури ҷаҳон кардааст. Агарчӣ маълум нест, дар оянда сарнавишти ин писарак чӣ хоҳад буд, вале як талоши бачагона ва роҳкушоии калонсолон ба иҷрои орзуҳои рангинаш мӯҷиби он шуд, ки дар ҷаҳон ӯро бишиносанд.

Дар хабарҳои телевизионӣ, ки хабарнигорон пас аз сафар ба маҳали зисти Муртазо таҳия ва пахш мекунанд, ин кӯдаки афғон дар ҳоли бозӣ бо либоси селлофанӣ намоиш дода мешавад. Дар баъзе аз наворҳо тӯби футболи ӯ як пуфак ва ё кулӯлае аз пораҳои матоъҳои бекора аст. Пас аз он ки номаш дар ҷаҳон баромад, ба вай тӯбе ҳадя карданд, ки бозӣ кунад. Муртазо замони бозӣ бо ин тӯби ҳақиқӣ либоси варзишиеро, ки шояд зимни дидораш бо мақомоти Федератсияи футболи Афғонистон ба ӯ ҳадя шудааст, ба бар мекунад, аммо аз болои он боз ҳамон "пӯшок"-и аз селлофан сохтаашро мепӯшад…



Ориф Аҳмадӣ падари ин кӯдак дар мусоҳиба бо "ТРТ" як шабакаи хабарии байналмилалӣ гуфтааст, ки "Муртазо Мессиро аз телевизор дида, ба ӯ мухлис шуд. Баъд хеле зиёд хоҳиш кард, ки ба ӯ либоси варзишии монанд ба ин футболбозро бихарам. Дар макони зисти мо фурӯшгоҳи пӯшоки варзишӣ нест ва ман натавонистам хоҳиши писарамро иҷро кунам.

Бо бародараш аз покети пластик чизе сохтанд ва онро Муртазо ба тан карда, футбол бозӣ кард ва акси ӯро тағояш бо ин пӯшоки худсохт ба саҳифаи "Фейсбук" гузошт. Мо дар хонавода аз ин хиҷолат кашидем. Барои мо ин як амали ғайриоддӣ буд ва баъзеҳо ҳатто баъзе рустоиҳои мо механдиданд…"

Телевизиони "24МИР" ҳам дар гузорише аз қавли падари Муртазо афзуд: - Бо дидани аксҳои писарам бо пӯшоки пластикӣ нороҳат шудам, чунки имкони пайдо кардани пӯшоки ҳақиқии варзишӣ барои писарамро надоштам…

Даҳҳо пойгоҳҳои хабарӣ ва садҳо акс аз зиндагии ин мухлиси хурдсол дар як ҳафтаи гузашта дар Афғонистон ва кишварҳои дигар мунташир шуда ва миллионҳо бинанда ва хонандаро ба ҳаяҷон овард.

Пойгоҳҳои хабарии "Тоҷнюз", "Озодагон", радиои "Озодӣ", сомонаи "Ҳамсафон", аз ҷумлаи аввалин манбаъҳое буданд, ки дар Тоҷикистон ҳам матолиберо дар ин бора ба нашр расонданд.

Орзуҳои ширини кӯдакӣ, ҷаҳони рангине, ки ҳеҷ як сахтию даҳшат наметавонад халалдораш кунад, гоҳе ба кӯдакон даст медиҳад. Хуб шуд, ки атрофиёни Муртазо монеи иҷрои тахаюл (фантазия)- и вай нашуданд ва ҳангоме, ки либоси селлофанӣ ба бар кард, ӯро нахандиданд. Баръакс, аз ин иқдомаш хушҳол шуданд ва маҳсули ин ҷасорату эҷодкории кӯдаконаро барои дигарон ба намоиш гузоштанду Муртазоро машҳури дунё карданд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин рӯйдоди хушҳолкунанда ҳоло ба маврид аст, ки ҳар яке аз мо андеша кунем ва ба худ ин саволро диҳем, ки барои ҷомаи амал пӯшидани орзу ва тахаюлоти фарзандон ва кӯдакон дар муҳите ки зиндагӣ дорем, чӣ кор кардаем?

**С. АБДУЛАЗИЗ**

МИНБАРИ ХАЛҚ
НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

Сармуҳаррир: Бахтиёр ҲАМДАМОВ

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59
Идораи рӯзнома тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94
www.hamsafon.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчин: Ҷамила Аҳмадова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО:
734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Индекси обуна: 68910
Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».
Теъдоди нашр: 50528 нусха
Навбатдор: И.ТОҲИР

